«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т, профессор

_____________ Ибодуллозода А.И.

“_29_” ___03___ соли 2024

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсия Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ба мазмуни шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) комилан мутобиқат менамояд.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар маориф ва таҳсилот дорои зарфияти калони хизматрасонӣ ва кӯмак ба ашхоси марбут ба раванд ва маҳсулоти таҳсилот дар бисёр ҷиҳатҳо мебошад. Масалан, он метавонад низоми мавҷудаи таълимиро тибқи ҷомеа, иттилооти фаровонӣ, расонидани хизматрасониҳои воситаҳои маҷмуӣ ва усулҳои ихтиёрдории он роҳбарӣ кунад. Истифодаи ТИК метавонад ба гузариши парадигма дар назари анъанавӣ ва усулҳои таълимӣ - ҷараёни таълим мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, водор кардани донишҷӯён барои фаъолона иштирок

кардан дар омӯзиш - раванди таълим дар гузариш аз таълими омӯзгор ба донишҷӯён нигаронида шудааст. Донишҷӯён дар дастрасӣ ва татбиқи дониш ва малака мустақил мешаванд, бо ин ба омӯзгорон муҳити интерактивӣ ва ҷолибтаре барои омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён фароҳам меорад. Нақши омӯзгоронро аз фиристодани оддии дониш дар бораи нақши омӯзиш тағйир медиҳад. Ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки барои омӯзиши худ торафт масъуланд, зеро онҳо бо сабаби кӯшишҳои худ иттилоот ва донишҳои мувофиқро меҷӯянд, донишҳои худро бо дигарон таҷзия ва мубодила мекунанд. Ин онҳоро водор мекунад, ки зарфияти таълимии худро дарк кунанд. Онҳо ҳатто ҳадафҳои алоҳидаи худро барои рушди зарфияти онҳо муқаррар карда метавонанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

Диссертант зикр менамояд, ки барномаҳои гуногун мавҷуданд, ки ба шарофати он раванди таълим соддатар мегардад. Ин барномаҳо ба муаллимон ва донишҷӯён бо ҳам муошират карданро фароҳам меоранд ва дар мавзуи мушаххас дониш мегиранд. Омӯзгорон ҳамчунин масъалаҳои гуногуни таълимиро меомӯзонанд ва донишҷӯён азхудкунии раванди таълимро истифода мебаранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин имкон дорад.** Диссертатсия мавриди назар мувофиқи талаботи корҳои илмӣ дар доираи феҳристи

ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияхо оид ба истифодаи амалии натичаҳои таҳқиқ, руйхати адабиёт ва номгӯи таълифоти муаллиф мураттаб гардидааст. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана ба масъалҳои мубрамияти мавзуи таҳқик, дарачаи омузиши мавзуъ, обйект, предмет ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ахаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд таваҷҷух дода шудааст. Таькид мегардад, ки яке аз ҳадафҳои асосии кори диссертатсионӣ ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Дар **боби аввали** диссертатсия бо номи «Асосҳои илмӣ - назариявии истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии касбӣ» ба масъалахои технологияи иттилоотию иртиботии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дорои имкониятхои ваъсе хисобида шудааст. Дар фаслхои боби мазкур, салоҳиятҳо ба салоҳиятҳое ҷудо мешаванд, ки ба ҳамаи одамон тааллуқ доранд, дар айни ҳол аз рӯйи тамоюли худ ба сифатҳои муайяни одамон равона карда шудаанд. Сониян, ин гурӯҳи салоҳиятҳое мебошанд, ки асоси онҳоро муносибати ба амалия нигаронидашуда ташкил медиҳад, ки салоҳиятҳои иттилоотӣ низ ба онҳо тааллуқ дорад. Маълум аст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои дарёфт, нигоҳдорӣ, коркард ва идоракунии иттилоот, қобилияти кор кардан бо иттилоот дар шабакаҳои компютериро дошта, ҳаллу фасл намоянд. Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили асноди меъёрӣ, инчунин, адабиёти илмии бахшида ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим дар фанҳои гуногуни донишгоҳӣ, имкон медиҳанд, ба ҳайси се унсури асосии ҷараёни таълим тавассути ТИК донишҷӯёни факултети

таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогиро ҷудо кунем: ин технологияҳо, таъмини барномавие, ки дар онҳо ин технологияҳо татбиқ карда мешаванд; инчунин таъмини техникие, ки имкон медиҳад дар амал ин технологияҳои мавриди истифода қарор бигиранд. Татбиқи раҳоварди шахсиятию фаъолиятӣ дар асоси ба қайдгирии пурраи хусусиятҳои инфиродии омӯзгори оянда ва имконияти ӯ дар ҷараёни фаъолияти фаъоли таълимии худӣ ба амал баров珍 мешавад.

Ҳамин тариқ, ташаккули омодагии омӯзгори оянда нисбат ба кор дар муҳити компютерии таълим тавассути амсилаи таҳияшуда барои ин ҷараён, ки ба муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ асос ёфтааст, амалӣ карда мешавад.

**Боби дуюми** диссертатсия «Таъмини самаранокӣ ва татбиқи ТИК дар муассаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон дорад. Муаллиф дар ин боб марҳилаи муосири рушди технологияҳо фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯён шомили кори аудиторӣ бо истифодаи воситаҳои дастгоҳӣ ва барномавӣ, инчунин, имконияти шабакаи Интернет ба фаъолияти таълимии эҷодӣ таблиғу ташвиқ мекунад. Боз марҳилаҳои асосии озмоиши педагогии гузаронидашуда мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирифтааст. Дар ҷараёни гузаронидани он самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорониояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар факултети таърих санҷида шудаанд.

Корҳои озмоишӣ доир ба ташаккули донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудааст. Маълумоти пурсишнома нишон дод, ки дар маҷмуъ донишҷӯён доир ба истифодаи ТИК сатҳи кофии донишҳоро надоранд - 68,2%.

Дар маҷмуъ, таҳлили натиҷаҳои марҳилаи тасдиқи таҳқиқот сатҳи

нокифояи донишҳо ва маҳоратҳои курсҳои якум дар соҳаи истифодаи ТИК-ро нишон дода, зарурати ташаккули педагогии ТИК-и омӯзгорони ояндаро дар шароитҳои муассисаи таҳсилоти олӣ мубрам месозад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ба хулосае биоем, ки фарзияи диссертатсияро тасдиқ мекунад. Мушоирати педагогӣ, ки барои сохтани шароитҳои махсус дар ҷараёни таълим равона карда шудаанд, ба ташаккули малакаҳои корбарии ТИК-и омӯзгорони ояндаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, динамикаи мусбати мониторинг дар бораи самаранокии амсилаи ташаккули ТИК донишҷӯён дар ҷараёни педагогии аз тарфи диссертант таҳияшуда гувоҳӣ медиҳад.

Хулосаи диссертатсия бо 8 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти бандҳои хулоса бо таблитсаҳо, диаграммаҳо ва бо ишораҳои рақами ба мақолаҳои алоҳидаи муаллиф ишора мекуананд, ки ин ҳолат аз тасдиқи назарияҳои илмии соҳиби диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар охири диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи фанҳои педагогика, психология, методикаҳои хусусии таълими бахшҳо доир ба истифодаи ТИК олимон метавонад боз хам такмил ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илми, мақолаву васоити таълими, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки истифодаи таъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия

мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳияи рисолаҳои илмии замони муосир мебошад.

Маълум аст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баландро талаб мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври равшан ошкор шуд, ки муаллиф он аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи басо муҳим ба таври қонеъкунанда баромадааст. Тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррсасиҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки у дорои заковату завқи махсуси ин соҳа мебошад. Аз ин ҷихат, диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» метавон яке аз пажуҳишҳои муҳим ва тоза дар раванди таълими фанни таърих бо истифодаи ТИК унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки содда, корбурди саводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илми рӯйи кор омадааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди у (5 мақолаи тақризшаванда ва 6 мақола дар маҷаллаҳои дигари илми) роҷеъ ба мисоли мухталифи истифодаи ТИК дар раванди таълими муосир дар маҷаллаву маҷмуаҳои илми ба этирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунад. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳққиқ ишора мекунад.

Хулоса, дар диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна дастовардҳои илми қонеъкунанда мебошад. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуқтаҳои басхталаб ва камбудиҳои ҷузъи ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, бешак, асолати илмии рисолаву фишурдаи онро боз ҳам баланд хоҳад бардошт.

Ба монанди:

1. Дар диссертатсия се шакли ифодаи як калима, яъне **таҳқиқ**, **таҳқиқот** ва **тадқиқ** ба мушоҳида расид, ки ба гумони мо, интихоби вожаи **таҳқиқ** мувофиқи меъёр ва талаботи рисолаҳои илмӣ мебошад.
2. Баъзан дар диссертатсия таносуби ҳаҷми фаслу зерфаслҳо риоя нашудааст. Масалан, фасли сеюми боби дуюми рисола ҳамагӣ дувоздаҳ саҳифа мебошад.
3. Дар диссертатсия в аавтореферати он галатхои имлоиву техники ва услуби ба мушохида расиданд (сах. 6,7,11,14,16,18,20,22,25,28,30,32,33,36,38,40,42,46,53,56,57,58 ва гр).

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои болозикр ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро дарёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо, диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи лозимии илми таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илми ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Нарзуллоевна зери унвони «Омодасозии омӯзгорони ояндаи таърих бо истифода аз технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдик шудааст, мувофик буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи психология ва педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни аз 27-уми марти соли 2024, суратҷаласаи №10 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи васе иштирок доштанд 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳи: “тарафдор” -14, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявии кафедраи
психология ва педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Саидмирова М.

Ташҳисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи психология ва педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тураев Ё.Б.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ Ахмедова Ф.

Имзоҳои Саидмирова М., Тураев Ё.Б. ва Ахмедова Ф.-ро
тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj